**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алишерзода Фарзона дар мавзӯи «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи докторанти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Алишерзода Фарзона «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» ном дошта, барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050200 – Филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таълиф гардидааст. Он ба яке аз мубрамтарин мавзӯъҳои забоншиносии тоҷик бахшида шуда, аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, 15 зерфасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ ва феҳристи ихтисораҳо иборат аст.

Алишерзода Ф. бо адабиёти илмиву назариявии зарурӣ ошно гардида, маводи таҳқиқии зиёд ҷамъ оварда, онҳоро тасниф намуда, ба риштаи таҳлили муқоисавӣ кашидааст.

Муқаддимаи кори мазкур ҳамаи бандҳои зарурӣро фарогир аст. Докторант мубрамиву зарурати таҳқиқотро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро хуб таҳлил намуда, ҳадафу объекти мавзӯъ, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои пажӯҳиш, соҳаву марҳала, пойгоҳ, эътимодноки ву натиҷа ва навгониҳои тадқиқашро асоснок кардааст.

Дар ду фаслу 3 зерфасли боби I зимни таҳлили муқоисавии соматизмҳои назми Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ вежагиҳои метафора, метонимия, синекдоха, омонимия, синонимия ва антонимияи ашъори ин ду шоири қудратманди замонҳои гуногунро ба қиёс гирифта, хулосаҳои дурусту ҷолиб баровардааст.

Бо мақсади нишон додани «Нақши калимасозии соматизмҳо дар ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» дар боби дуюми рисола ба омӯзиши ташаккули калимаҳо бо пешвандҳову пасвандҳо фаслу зерфаслҳои алоҳида ҷудо кардааст. Нақши вожаҳои соматикӣ дар ташаккули калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва омехтасохтро дар ашъори шоирони мазкур бо мисолҳои мушаххас равшан сохтааст.

«Мавқеи соматизмҳо дар ташаккули ибораҳои синтаксисӣ ва фразеологӣ дар назми Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ унвони боби сеюми диссертатсияро ташкил додааст. Дар фасли аввали ин боб нақши соматизмҳоро дар ташаккули ибораҳои синтаксисии исмӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ, феълӣ нишон додааст. Фасли дигарро ба баррасии вежагиҳои рехтаҳои фразеологӣ, омехтаҳои фразеологӣ ва вобастаҳои фразеологӣ бахшидааст.

Дар 11 банди хулосаи диссертатсия дастовардҳои тадқиқашро натиҷагирӣ кардааст, ки ҳамагӣ аз лиҳози илмию назариявӣ пурмӯҳтавоянд.

Дар рисолаи илмии мазкур 176 адабиёти илмию назариявӣ ва методию таълимӣ истифода шудаанд.

Алишерзода Фарзона оид ба мавзӯи тадқиқ 8 мақола чоп кардааст, ки 3 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шуда, мазмуну мӯҳтавои асосии рисоларо ифода мекунад.

Дастгоҳи илмию назариявӣ, ҷанбаи таҳқиқии диссертатсия ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Диссертатсияи тақризшаванда гувоҳи он аст, ки докторант (Phd) соҳиби қобилияти хуби анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аст.

Бо дарназардошти нуктаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи докторанти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Фарзона Алишерзода дар мавзӯи «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтори

соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ба муҳокимаи шӯрои дифои назди донишгоҳи мазкур барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 - Филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) манзур карда шавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Шокиров Т. С.

02.02.2019

Имзои Шокиров Т. С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Ашрапова З. Н.